# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Махсудов Аслиддин Муҳаббатович дар мавзӯи «Ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии водии Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991-2021)» диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D020300 – Таърих, ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ. Душанбе, 2022.**

Диссертатсияи Махсудов Аслиддин Муҳаббатович ба таҳқиқи илмии ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии водии Рашт бахшида шуда, он на танҳо аҳамияти назариявӣ, балки амалӣ низ дорад.

Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ омӯзиш ва инъикоси мушкилоти ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии водии Рашт дар давраи соҳибистиқлолӣ мебошад.

Объекти таҳқиқоти диссертасиониро таърихи навтарини навоҳии водии Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва предмети таҳқиқоти онро ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии водии Рашт дар солҳои истиқлолият ташкил медиҳанд.

Навоварии илмии кор дар он аст, ки бори аввал дар таърихнигории ватанӣ вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии водии Рашт дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ таҳқиқ шудааст.

Диссертатсия дар асоси маъхазҳои дасти аввал навишта шуда, дар он маводҳо аз Бойгонии марказии давлатии Тоҷикистон, Филиали Бойгонии марказии давлатии Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт ва дигар бойгониҳо ва маводи матбуоти даврӣ истифода гардидаанд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар он аст, ки ӯ дар асоси шумораи зиёди маводҳои бойгонӣ, матбуоти даврӣ ва адабиёти нашргардида доир ба ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии водии Рашт, таҳқиқоти маҷмуиро анҷом додааст. Натиҷаи таҳқиқоти мазкур, хулосаю навгониҳои илмӣ, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва тавсияҳои ҷанбаи амалидошта бевосита аз ҷониби муаллиф таҳия, баррасӣ ва собит карда шудаанд.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса, номгӯи маъхазҳо ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи диссертатсионӣ асоснок гардида, дараҷаи коркарди он, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, доираи хронологӣ ва ҷуғрофӣ, услуб ва усули коркарди мавзуъ мушаххас гардида, аҳамияти назариявӣ ва амалии кор, манбаъҳо ва навгонии илмии таҳқиқот, инчунин муқаррароти асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян мегардад.

Боби якуми диссертатсия “Вазъи иҷтимоӣ- иқтисодии водии Рашт дар солҳои истиқлолият (с. 1991-2021)” ном дошта, дар он роҷеъ ба вазъи саноат, кишоварзӣ, тандурустӣ ва хизматрасонии тиббии ноҳияҳои водии Рашт маълумот дода шудааст.

Боби дуюми диссертатсия “Ҳаёти фарҳангии водии Рашт дар солҳои истиқлолият” буда, дар он масъалаҳои вазъи маориф,

муассисаҳои маданӣ - маърифатӣ, рушди сайёҳӣ, мушкилот ва дурнамои он баррасӣ шудаанд.

Дар хулосаи диссертатсия фикри ҷамъбастии муаллиф оид ба мавзуъ ва пешниҳодот ҷиҳати дар минбаъда таҳқиқ намудани масъалаи мазкур оварда шудаанд.

Хулоса, диссертатсия мувофиқ ба талабот ва меъёрҳои муайяншудаи марбут ба диссертсияҳои номзадии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шуда, ҷавобгӯи он мебошад. Автореферати диссертатсия мазмуни онро дуруст инъикос менамояд. Муаллиф, оид ба мавзӯи диссертатсионии худ, 4 мақоларо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақоларо дар дигар нашрия аз чоп баровардааст.

Ҳамин тавр, диссертатсия дар мавзӯи «Ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии водии Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (с. 1991 – 2021)» кори мантиқан ба анҷом расида ҳисобида шуда, он ба бандҳои 10; 11; 12 - и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ» ҷавобгӯ буда, муаллифи он – Махсудов Аслиддин Муҳаббатович – сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D020300 – Таърих, ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ мебошад.

**Муқарризи холис,**
**Ходими пешбари илмии**
**шуъбаи таърихи қадим,**
**асри миёна ва нави**
**Институти таърих, бостоншиносӣ ва**
**мардумшиносии ба номи**
**Аҳмади Дониши АМИТ,**
**номзади илмҳои таърих,**
**дотсент** **Сайнаков Сайнак Парпишоевич**

**Тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳои**
**Институти таърих, бостоншиносӣ ва**
**мардумшиносии ба номи**
**Аҳмади Дониши АМИТ** **Файзулоев Г. Қ.**

«27» 04. 2022